*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон (734067, ш.Душанбе,*
*к. Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗ

ба автореферати Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзуи «Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.

Дар шароити имрӯза сиёсати давлатӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ тавассути рушди соҳаи кишоварзӣ, на танҳо дар шакли ашёи хом, балки то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, ки бевосита ба истеъмолкунанда мерасад, ҳамчун масъалаи асосӣ ва стратегӣ маҳсуб меёбад. То кунун дар ҷумҳурӣ ва хусусан, дар минтақаи Хатлон оид ба мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ, ки метавонад ба самаранокии рушди иқтисодиёти хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсир расонад, таҳқиқоти маҷмӯӣ гузаронида нашудааст. Имкониятҳои воқеии истифодаи маблағгузории дохилӣ ва хориҷӣ дар минтақа, таъсири онҳо ба самаранокии иқтисодии соҳаҳои афзалиятноки кишоварзӣ дар минтақаҳо муайян карда шудааст. Тамоюли камшавии заминҳои кишт, пастравии ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, муфлисшавии корхонаҳои кишоварзӣ, зиёдшавии воридоти маҳсулоти гӯшту ширӣ ва қаноаткунанда набудани истеҳсоли онҳо ошкор гардид, ки барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷию дохилӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ манбаи мувофиқ мебошанд. Дар замони муосир сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ барои соҳаҳое, ки дар марҳилаи ҷоннокшавӣ қарор доранд, заминаи инкишофу мукаммалгардонии ҳамгироии агросаноатӣ ба ҳисоб меравад ва татбиқи он дар шароити имрӯза таввасути роҳу воситаҳои гуногун зарурӣ мебошад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ нишон медиҳад, ки динамикаи рушди кишоварзӣ дар минтақа ба амнияти озуқаворӣ ва амнияти иқтисодии кишвар таъсири калидӣ мерасонад. Ҳиссаи комплекси агросаноатӣ тақрибан сеяки маҳсулоти умумии ҷамъиятӣ, чоряки воситаҳои асосӣ ва зиёда аз 30 фоизи шумораи коргаронеро, ки дар истеҳсолоти моддӣ машғул мебошанд, ташкил медиҳад. Қисми соҳаҳои хоҷагии халқи вилояти Хатлон аз лиҳози иқтисодӣ ба соҳаи комплекси агросаноатӣ алоқаманд аст. Нақши комплекси агросаноатӣ дар ташаккулёбии гардиши чакана ва ташаккули қисми даромади буҷетҳои сатҳҳои гуногун назаррас аст.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбии дар автореферат овардашуда баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи муаллиф муҳим мебошанд:

1. Хуб мешуд, муаллиф дар автореферат масъалаҳои такмили сохторҳои ҳамгироишударо аз нуқтаи назари мушкилотҳои ҷойдошта мавриди баррасӣ карор медод;

2. Агар муаллиф дар ҳар як қисмати ҷадвалҳои таҳлилшуда фикру андешаҳои худро иброз менамуд, матни автореферат боз ҳам пурмазмунтар мешуд.

Камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии автореферагро тағйир намедиҳанд.

Масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ дар автореферат нисбатан пурра таҳқиқоти илмӣ ёфтанд ва дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ мустақил будани муаллифро нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» пешниҳод гардида, рисолаи илмии анҷомёфтаи дорои хислату мазмуни илмию амалӣ буда ва ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Муаллиф Бобошерзода Нозанин Қаракул сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Такриздиҳанда:**

Номзади илмҳои иқтисодӣ,
директори Муассисаи давлатии таълимии
«Коллеҷи информатика ва техникаи
компютерии» шаҳри Душанбе Давлатзода Бахрулло Раҳмон

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 48/1
Тел. +992 372-39-05-01
почтаи электронӣ: plikt@mail.ru

Имзои Давлатзода Б.Р.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои коллеҷи информатика
ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе Сайдалиева Д.Ш.